## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика).**

1. **Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) пурра мувофиқ буда, ба яке аз мушкилоти мубрами таълими математика дар мактаби олӣ бахшида шудааст. Интихоби мавзуъ аз ҷониби талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ва зарурати такмили сифати тайёрии мутахассисони соҳаи маориф асоснок карда шудааст.

2. **Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити ислоҳоти муосири низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани сифати тайёрии касбии мутахассисон, аз ҷумла омӯзгорони математика, аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Талаботи Ҷомеа ба омӯзгори дорои тафаккури интиқодӣ, қобилияти ҳалли масъалаҳои касбӣ ва муносибати эҷодӣ ба фаъолият рӯз то рӯз меафзояд. Дар ин замина истифодаи имкониятҳои дидактикии масъалаҳои ғайристандартӣ дар раванди таълими математика ҳамчун яке аз воситаҳои самараноки рушди фаъолияти маърифатии донишҷӯён эътироф мегардад.

Бо вуҷуди мавҷудияти таҳқиқоти муайян дар ин самт, масъалаи ташаккули низоми мақсадноки чунин масъалаҳо ва усулҳои ворид кардани онҳо ба раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ то ҳол ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст. Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсияи Мирзораҳимзода М.Ҳ. дорои мубрамияти назариявӣ ва амалӣ буда, ба яке аз самтҳои муҳими педагогикаи муосир - такмили сифати таълими математика дар муассисаҳои олӣ дахл дорад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Яке аз меъёрҳои асосии арзёбии арзиши илмии ҳар як таҳқиқоти диссертатсионӣ ин навгонии илмии натиҷаҳои бадастомада мебошад. Таҳлили диссертатсияи Мирзораҳимзода М.Ҳ. нишон медиҳад, ки муаллиф тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро аз мавқеи нав баррасӣ намояд ва як қатор натиҷаҳои илмӣ ба даст орад:

– таъсири мазмуни маводи таълимии математика бо истифода аз масъалаҳои ғайристандартӣ мавриди санҷиш қарор гирифта, ҳадаф баланд бардоштани сифати таълим ва афзун намудани шавқи донишҷӯён ба омӯзиши математика мебошад;

– таҷрибаҳои амалӣ оид ба истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ дар ҷараёни таълими фанни математика коркард ва бо натиҷаҳои мусбат тасдиқ шудаанд;

– натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯён дар раванди татбиқи масъалаҳои ғайристандартӣ аз математика ҳангоми омӯзиши ин фан таҳлил гардида, самаранокии он муайян шудааст.

– дастурамали умумии методикаи таълими ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ пешниҳод карда шудаанд;

– аз он иборат аст, ки аз мавқеи системавӣ ва равиши фаъолиятӣ –шахсӣ мушкилоти рушдёбии қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён дар раванди таълим дар замони муосир баррасӣ карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз инҳо иборатанд:**

– асосҳои назариявии масъалаҳои ғайристандартӣ ва мавқеи онҳо дар ташакули донишадӯзии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ муайян карда шудаанд;

– шароити педагогии татбиқи масъалаҳои ғайристандартӣ дар ҷараёни таълими фанни математика мавриди таҳлил қарор мегирад, ки ба баланд гардидани сифати таълим таъсири мусбат расонида, ба густариши ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён мусоидат менамояд;

– арзиши илмии масъалаҳои ғайристандартӣ аз фанни математика ва нақши онҳо дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ ҳамчун унсури муҳими методологӣ ва дидактикӣ арзёбӣ мегардад, ки баланд бардоштани самаранокии таълим мусоидат мекунад;

– мазмун ва натиҷаҳои таҷрибаи амалӣ оид ба истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ дар раванди таълими математика, инчунин аҳаммияти он дар татбиқи талаботи замонавии таълим, ҳамчун самти муҳими таҳқиқоти педагогӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор мегирад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои илмии бадастовардаи диссертатсия бо якчанд омилҳои муҳим таъмин гардидааст. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертант бо усулҳои гуногуни таҳқиқот ва санҷиши амалии онҳо асоснок карда мешавад. Дар кор таҳлили илмии манбаъҳои педагогӣ ва методикӣ анҷом дода шудааст.

Барои тасдиқи фарзия озмоиши педагогии васеъ дар шароити воқеии таълим ташкил карда шуд. Озмоиш дар се марҳила ва дар ду Муассисаҳои Таҳсилоти Олии Касбии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва

Донишгоҳи давлатии Данғара сурат гирифт. Натиҷаҳои бадастомада бо усулҳои омори риёзӣ таҳлил гардида, самаранокии системаи пешниҳодшударо нишон доданд.

Ҳамчунин апробатсияи натиҷаҳо дар конфронсҳои илмӣ ва интишор дар маҷаллаҳои тақризшаванда эътимоднокии хулосаҳоро тақвият медиҳад. Дар маҷмуъ, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф мантиқӣ буда, дар амалияи таълими муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ қобили истифода мебошанд.

**5. Ҳаҷми ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия кори илмии пурра анҷомёфта буда, аз «Рӯйхати ихтисорот», муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боби асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда аз 251 сарчашма ва феҳристи асарҳои илмии муаллиф иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 206 саҳифаи матни чопиро ташкил медиҳад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, ҳадаф вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, фарзия, методҳо, навгонӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии кор шарҳ дода шудаанд.

Дар бахши «Тавсифи умумии таҳқиқот» мушкили мавриди омӯзиш дар робита бо талаботи муосир ба тайёрии касбии омӯзгорон баррасӣ шудааст.

Дар боби 1, «Нақши масъалаҳои ғайристандартӣ дар рушди дониши математикии донишҷӯён» муаллиф мафҳуми «масъалаи ғайристандартӣ»-ро дар осори муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил карда, моҳияти онро ҳамчун омили рушди дониш нишон додааст. Аз ҷумла:

– ҷанбаҳои гуногуни таъсири чунин масъалаҳо ба ташаккули тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои мустақилона азхудкунии дониш ошкор карда шудааст;

– хусусиятҳои методӣ ва имкониятҳои ҳамгироии ин масъалаҳо ба мундариҷаи курси математика муайян карда шудааст;

– усулҳои эвристикӣ ва тарзи ташкили фаъолияти мустақилонаи донишҷӯ пешниҳод ва асоснок карда шудааст;

– натиҷаи таҳлил зарурати тартиб додани системаи ҳамоҳангшудаи масъалаҳои ғайристандартӣ ҳамчун шарти муҳими рушди дониши математикӣ бармеояд.

Дар боби 2 «Ҷанбаҳои назариявии методии инкишофи қобилияти эҷодии донишҷӯён» мафҳумҳои «эҷодкорӣ», «қобилияти эҷодӣ» дар робита бо таълими математика мавриди таҳлил қарор гирифта, ҷузъҳои онҳо ҷудо карда шудаанд. Аз ҷумла:

– тавассути методҳои мушоҳида ва таҳлили натиҷаҳои таълим мушкилоти таълими анъанавӣ муайян карда шудааст;

– маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои таълим, ки ба рушди тафаккури ғайристандартӣ равона шудаанд, пешниҳод ва аз ҷиҳати методӣ асоснок карда шудааст;

– нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои арзёбии сатҳи ташаккули қобилияти эҷодии донишҷӯён муайян карда шудаанд.

Дар боби 3 «Озмоиши педагогӣ оид ба муайян кардани сатҳи дониши донишҷӯён бо истифодаи маводи масъалаҳои ғайристандартӣ» мақсад, вазифаҳо ва марҳилаҳои озмоиши педагогӣ шарҳ дода шудааст. Муаллиф системаи махсуси масъалаҳои ғайристандартиро таҳия карда, онро бахшҳои асосии курси математика ворид намудааст. Таваҷуҳи асосӣ ба масъалаҳои ифодаҳои алгебравии мураккаб ва муодилаҳои алгебравии мураккаб равона карда шудааст. Аз ҷумла:

– натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии марҳилаҳои муайянкунӣ, ташаккулдиҳӣ ва назоратии озмоиш оварда шуда, бо ёрии меъёрҳои омори риёзӣ таҳлил карда шудаанд. Рушди мусбии дониши математикӣ дар гурӯҳи таҷрибавӣ бо маълумоти оморӣ собит карда шудааст;

– самаранокии методикаи пешниҳодшуда тасдиқ карда шуда, дурустии фарзияи илмии таҳқиқот исбот гардидааст.

Дар «Хулоса» 7 банд оварда шуда, тавсияҳои мушаххас барои татбиқи амалии натиҷаҳо пешниҳод шудаанд.

Ҳамин тавр, сохтор, ҳаҷм ва мундариҷаи диссертатсия ба мантиқи таҳқиқот, ҳадаф вазифаҳои гузоштащуда пурра мувофиқат намуда, имкон медиҳад, ки масъалаи таҳқиқшуда ҳамаҷониба ҳал гардад. Ҳамин тавр, сохтор, ҳаҷм ва мундариҷаи диссертатсия ба мантиқи таҳқиқи илмӣ, ҳадаф ва вазифаҳои гузоштащуда пурра мувофиқат намуда, имкон медиҳад, ки масъалаи таҳқиқшуда ҳамаҷониба ҳал гардад.

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Арзиши ҳақиқии ҳар як таҳқиқоти илмӣ дар он аст, ки натиҷаҳои он то чӣ андоза метавонанд дар амалияи воқеӣ истифода шаванд. Диссертатсияи Мирзораҳимзода М.Ҳ. аз ин нигоҳ дорои арзиши назаррас мебошад.

Аҳаммияти илмӣ дар он аст, ки асосҳои назариявии истифодаи мақсадноки масъалаҳои ғайристандартӣ ҳамчун воситаи рушди дониши математикӣ васеъ карда шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки:

– асосҳои назариявӣ, барномаи таълимӣ ва коркардҳои методии пешниҳодшударо ҳангоми таҳияи ҷанбаҳои методии ташхис ва назорати сифати дониши донишҷӯён дар фанни математика истифода бурдан мумкин аст;

– маводи таҳқиқоти илмӣ-методӣ барои тайёрии касбӣ-методӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорони оянда ва амалкунандаи математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ ва дар курсҳои бозомӯзии устодон тавсия дода мешавад;

– тавсияҳои методӣ ҷиҳати истифодаи маводҳои масъалаҳои ғайристандартӣ таҳия гардида, баланд бардоштани сифати таълими фанни математика дар муассисаҳои олӣ равона шудаанд;

– аз ҷониби муаллиф комплекси таълимӣ-методӣ таҳия ва ба амалияи таълим ворид карда шудааст, ки он ба ташаккули компоненти математикию методии омӯзгори ояндаи математика мусоидат менамояд.

Аҳаммияти иқтисодӣ дар он аст, ки ҷорӣ намудани методикаи пешниҳодшуда ба омода кардани кадрҳои рақобатпазир ва кам кардани хароҷоти бозомӯзӣ мусоидат мекунад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ аз он иборат аст, ки таҳқиқот баланд бардоштани сифати маълумот ва тайёрии касбии ҷавонон равона шудааст. Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастоварда дорои аҳаммияти муайяни назариявӣ ва амалӣ буда, дар самтҳои зерин инъикос меёбанд.

**7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар 21 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 5-тоашро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил дода, 1 дастури таълимӣ 15-тои боқимондаашро маводи конференсияҳои илмӣ ташкил медиҳанд. Мақолаҳои тақризшаванда ба мавзуъи кори диссертатсионӣ таалluқ дошта, дар маҷаллаҳои ба ҳамин самт вобастабуда нашр шудаанд.

**8. Мутобиқат ба талаботи расмӣ.** Диссертатсия тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Он бо забони адабии тоҷикӣ ва оммафаҳму илмӣ навишта шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ ҳудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои омроӣ, имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар рисола оиди истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ зикр мегардид, арзиши кор баланд мешуд.

2. Дар бахши озмоиши педагогӣ оид ба истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ ҳангоми омӯзиши мавзуи «Ҳосилаи функсия» маълумоти муфассалтар овардан мақсаднок мебуд.

3. Хуб мебуд агар имконияти татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар курсҳои болоӣ низ баррасӣ мегардид.

4. Дар рисола баъзе хатогиҳои имловию техникӣ вомехӯранд. Аз ҷумла дар саҳифаи 40 расми 1 графики функсия бо функсия якҷоя шудааст, дар саҳифаи 131 мисоли 9 сатри 9- ро фаҳмотар шарҳ дода мешуд, дар саҳифаи 134 дар сатри 2 калимаи диҳемро бо калимаи медиҳем иваз карда шавад ва дар саҳифаи 144 сатри 8 ва 9- ро пурра шарҳ дода нашудааст.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарю амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Мирзораҳимзода М.Ҳ. дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.10-Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1-Назария ва технологияи таълими математика) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:** номзади илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Махкамов М.

Суроғa: индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел.: (+992) 935 85 10 55
E-mail: info@tjpu@mail.tj.

Имзои д.и.ф.м., дотсент
Махкамов М.- ро тасдиқ менамоям:

Сардори РК ва КМ-и ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Қодирзода С.М.

Суроғаи муассисаи пешбар: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121.
Тел: +992 (37) 224 13 83;
E-mail: info@tjpu@mail.tj.

«18» 08 соли 2026